«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Муминзода Ш.А. ________________
«20» сентябр соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ҶАЛАСАИ КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ СУДӢ ВА НАЗОРАТИ ПРОКУРОРИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар давраи омода намудани диссертатсия Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ аз соли 2015 унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба шумор меравад.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 26 июни соли 2014 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия ва роҳбари илмӣ бо роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Искандаров Зайниддин Ҳамидович дар ҷаласаи шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ аз 31 майи соли 2014 №10 ва санаи 26 июни соли 2014 бо суратҷаласаи №11 дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

**Роҳбарии илмӣ:** Искандаров З.Ҳ. – д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон санаи 14 октябри соли 2024, таҳти №313 дода шудааст.

Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ аз 26 сентябри соли 2025, № 2 муҳокима гардид.

Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ омода шудааст.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон 2021-2025 дар самти «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ» ва «Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028)» алоқаманд мебошад. Ислоҳоти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 оғоз шуда буд ва аллакай корҳои зиёде дар ин самт анҷом дода шудаанд. Соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар он ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлат муайян шуд, ки дар таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд нақши муҳим гузошт. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар самти ташкилу таҳкими ҳокимияти судӣ, таъмини қонуният ва адолати судӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд.

Аз ҷумла, барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021) қабул карда шуд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим доранд. Аммо, ба натиҷаҳои мусбӣ нигоҳ накарда, ислоҳоти судӣ давом дорад, чунки дар фаъолияти мақомоти судӣ то ҳол камбудиҳо низ ҳастанд. Тезонидани ислоҳоти судӣ ба яке аз масоили муҳимтарини сохтмони давлатӣ табдил ёфтааст.

Муҳаққиқ бо назардошти натиҷаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва рушди минбаъдаи асосҳои адолати судӣ таҳқиқоти илмиро анҷом додааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 18 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашр гардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ бо баррасии масъалаҳои мубрами пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ муайян гардида, дар ҷараёни таҳқиқот маълумотҳои омории Сармаркази иттилоотӣ - таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои судӣ ва ҳукмҳои айбдоркунии судӣ (ш.Хуҷанд), хулосаҳои айбдоркунӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба мавзуи пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ истифода шудааст. Дар таҳқиқот, инчунин, маводҳое, ки дар ВАО нашр шудаанд, бахусус, Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ВКД, Прокуратураи генералӣ, Суди Олӣ), ки эътимод ва асоснокии хулосабарориҳо дар заминаи онҳо сурат гирифтанд, истифода гардидаанд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» мавзуи мубрами назарияи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли масъалаҳои баррасии судии парвандаҳо оид ба айбдоркунии хусусӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳамзамон муҳаққиқ мушкилоти илмиро оиди айбдоркунии хусусӣ коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми мурофиавии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории мамлакат метавонанд саҳми назаррас гузоранд. Дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқот, аз ҷониби муаллиф мафҳумҳои асосӣ ва ҷузъҳои таркибии он, инчунин ташаккули ғояҳои пешбарандаи адолати судӣ тибқи афкору ақидаҳои таълимоти ҳуқуқӣ, тавсифи моҳиятии айбдоркунии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҳалли масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалии падидаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ шаҳодат медиҳанд. Таҳлили мавзуи мазкур оид ба пешбурди мурофиаи судии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо

дарназардошти навгониҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ва амалияи судӣ ҷудо карда шудааст. Таърифи муаллифонаи падидаи «айбдоркунии хусусӣ» ва таносуби айбдоркунии хусусӣ бо айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва умумӣ муайян карда шудаанд. Марҳилаҳои таърихии рушди падидаи айбдоркунии хусусӣ дар асоси маълумоти таърихӣ ва расмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти олимони ватанӣ бо назардошти зинаҳои ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории мурофиавӣ аз назари муаллифӣ пешбарӣ ва асоснок карда шудааст.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми мурофиаи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд.

Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 8 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Кабирзода, Г.Қ. Хусусиятҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – №4 (44). – С.157-163. ISSN 2412-141X.

**[2-М].** Кабирзода, Г.Қ. Проблемы процессуально – правовых основ уголовного преследования [Текст] / Г.К. Кабирзода // Вестник юридических наук Ташкентского государственного университета. – 2021/2. – С. 136 – 144. Е – ISSN 2181 – 919X.

**[3-М].** Кабирзода, Г.Қ. Некоторые актуальные вопросы производства частного и частно – публичного обвинения в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст] / Г.К. Кабирзода // Международное уголовное право и международная юстиция. – 2021. – №5. – С. 17-19. ISSN 2070-1190.

**[4-М].** Кабирзода, Г.Қ. Защита прав частного обвинителя в уголовном процессе (по материалам Республики Таджикистан) [Текст] / Г.К. Кабирзода // Вестник Московской академии Следственного комитета Российской Федерации и «Расследование преступлений: проблемы и пути их решения». Научный журнал – 2 (36) /2022. – С. 155-160. ISSN 2411-1627.

**[5-М].** Кабирзода, Г.Қ. Масъалаҳои назариявӣ – ҳуқуқии оғоз намудани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №2 (54). 167-173.

**[6-М].** Кабирзода, Г.Қ., Искандаров З.Ҳ. Моҳият ва намудҳои айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.К. Кабирзода, З.Ҳ. Искандаров // Қонунгузорӣ. – 2025. – №4 (60), (октябр-декабр) 427-432. (0,80 ҷ.ч.).

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

**[7-М].** Кабирзода, Г.Қ. Хусусиятҳои баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар суд [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо» бахшида ба 15 солагии қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – (Душанбе, 3 декабри 2024) – Академияи ВКД ҶТ, 2024. – С. 236 - 239

**[8-М].** Кабирзода, Г.Қ. «Вопросы уголовного судопроизводства домашнего насилия и защита прав потерпевших» [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи «Тафтишоти пешакӣ ва дурнамои инкишофи он». – (Душанбе, 07 апрели 2018) – Академияи ВКД ҶТ, 2018. – С.111 – 115.

**[9-М].** Кабирзода, Г.Қ. Некоторые особенности уголовно – процессуальной ответственно по частному обвинению [Текст] / Г.К. Кабирзода // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы VII международной научно-практической конференции, посвященной 25-летию Конституции Республики Таджикистан. – (Душанбе, 31 октября 2019). – Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 111 – 112.

**[10-М].** Кабирзода, Г.Қ. Баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // VIII Международную научно-практическую конференцию «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». – (Душанбе, 30 октябри 2020). – Душанбе: РТСУ, 2020. – С. 288- 291.

**[11-М].** Кабирзода, Г.Қ. Ҳимояи ҳуқуқии айбдоркунандаи хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // III-юмин конференсияи илмӣ – назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқ инсон». – (Душанбе, 10 декабри 2020). – Душанбе: Академияи ВКД ҶТ 2020. – С. 155-157.

**[12-М].** Кабирзода, Г.Қ. Тартиби баррасии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар суд [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи илмӣ - амалии апрелии ДДҲБСТ. – (Хуҷанд, 30 апрели 2021). – Хуҷанд: ДДҲБСТ, 2021. – С. 254- 258.

**[13-М].** Кабирзода, Г.Қ. Амалӣ гардидани ҳимояи давлатӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // I-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик. – (Душанбе, 29 апрели 2022). – Душанбе: Академияи ВКД ҶТ, 2022. – С. 153-156.

**[14-М].** Кабирзода, Г.Қ. Таърихи мухтасари падидаи ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ [Текст] / Г.К. Кабирзода // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: X Международная научно-практическая конференция. – (Душанбе, 28 октября 2022). – Душанбе: РТСУ, 2022. – С. 304-307.

**[15-М].** Кабирзода, Г.Қ. Рафъи маҳдудиятҳо дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // V-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ». – (Душанбе,10 декабри 2022). – Душанбе: Академияи ВКД ҶТ, 2022.– С.102-106.

**[16-М].** Кабирзода, Г.Қ. Баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар мавзуи «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он». – (Хуҷанд, 25 апрели 2023). – Хуҷанд: РВКД ҶТ дар вилояти Суғд, 2023. – С.102-105.

**[17-М].** Кабирзода, Г.Қ. Ҷараёни падидаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни «35 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик» (19 апрели 2024). – Хуҷанд: ДДҲБСТ, 2024. – С.150-153.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида мешавад.

2. Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бо назардошти пешниҳод ва тавсияҳо барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо Протоколи №2, аз «26» сентябри соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 22 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 22 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ**
**ва назорати прокурории ДДҲБСТ,**
**н.и.ҳ., дотсент** **Қаҳоров Н.М.**

**Котиби ҷаласа,**
**н.и.ҳ., дотсенти кафедраи**
**ҳуқуқи судӣ ва назорати**
**прокурории ДДҲБСТ** **Абдуллоева М.К.**

**Имзои Қаҳоров Н.М. ва Абдуллоева М.К.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ**
**“26” сентябр с. 2025** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, ДДҲБСТ.
Тел.: 342223811